**«Тасдиқ мекунам»**
**Ректори Академияи идоракунии**
**давлатии назди Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон, д.и.ҳ.,**
**профессор ______________Ғафурзода А.Д.**
**«_30_» ____05________соли 2020**

# Тақризи
## муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович дар мавзӯи «Танзими шартномавии таъмини барқ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқотӣ**. Диссертатсияи номзадии Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович дар мавзӯи «Танзими шартномавии таъмини барқ» дар замони муосир ба яке аз масъалаҳои мубрами илм, қонунгузории гражданӣ ва энергетикӣ бахшида шуда, дорои хусусияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Мубрамияти мавзӯъ бо омилҳои зерин аз ҷониби муаллиф асоснок карда шудааст: *якум,* муаллиф муҳимияти нерӯи барқ ва зарурияти истифодаи онро дар муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ, қонунгузории гражданӣ ва энергетикӣ муайян намудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки дар ҳаёти ҳаррӯзаи одамон, бахши саноат, кишоварзӣ ва дигар бахшҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ истифодаи нерӯи барқ аҳамияти калон дорад. Барои ҳар давлати муосир энергетика бахши стратегии иқтисодиёти он маҳсуб ёфта, амнияти энергетикӣ ҷузъи муҳими на танҳо амнияти миллӣ, балки амнияти глобалӣ ба ҳисоб меравад (саҳ. 3 диссертатсия). Махсус қайд мегардад, ки бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти муҳим доштани соҳаи энергетика дар сиёсати давлатии Тоҷикистон зарурати танзими мушаххаси ҳуқуқии масъалаҳои вобаста ба рушди ин соҳа ба миён омадааст (саҳ. 3), зеро танзими дурусти раванди мазкур барои рушди муносибатҳои шартномавӣ дар соҳаи таъминкунӣ бо нерӯи барқ ва истифодаи оқилонаи он аҳамияти муҳим дошта, барои инкишофи он дар оянда заминаи мусоидро фароҳам меорад. Аз ин рӯ, оқилонаву сарфакорона истифода бурдани нерӯи барқ ва захираҳои энергетикӣ яке аз ҳадафҳои асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Бинобар ин, масъалаи танзими ҳуқуқи граждании соҳаи таъминкунӣ бо нерӯи барқ ва паҳлӯҳои дигари он барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрамияти худро нигоҳ медорад; *дуюм,* яке аз

ҳадафҳои олии рушди дарозмуҳлати Тоҷикистон – ин беҳтар намудани шароити зисти мардуми кишвар ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аз 1 декабри соли 2016 барои ноил гаштан ба ин ҳадафи олӣ, ки ҷузъе аз онро ҳадафи таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ ташкил медиҳад, андешидани як қатор тадбирҳои судмандро пешнбинӣ намудааст. Дар ин соҳаи муҳими стратегӣ, тибқи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018–2028 аз 6 феврали соли 2018 бартараф намудани мушкилоту камбудиҳои мавҷудаи ҳуқуқӣ, инчунин андешидани тадбирҳо доир ба истифодаи оқилонаву сарфакорона аз захираву имкониятҳои энергетикии кишвар, дуруст ба роҳ мондани истифодаи ҳарчи пурра ва самарабахши иқтидорҳои иншооти мавҷудаи энергетикӣ, андешидани тадбирҳо барои таъмини истиқлолияти энергетикии кишвар дар навбати аввал меистад (саҳ. 3). Бо назардошти ин, таҳқиқи масъалаи мазкур аз лиҳози илми ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи энергетикӣ мубрам маҳсуб меёбад; *сеюм,* дар паёмҳои ҳарсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ, ки ҳамчун ҳуҷҷати сиёсиву барномавии соҳаи энергетика мебошад, энергетикаро ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятнок ва муҳимтарини иқтисодиёти кишвар арзёбӣ мекунад. Аз ибтидои қарни бистум, энергетика муҳаррики прогресси илму техника ва заминаи рушди босуръати иқтисодиёти ҳар як мамлакат гаштааст. Вай дар Тоҷикистон яке аз навъҳои афзалиятнок ва муҳимтарини иқтисодиёт ба шумор меравад. Рушди ҳозираву ояндаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ аз истифодаи боигарии асосии мамлакатамон - захираҳои гидроэнергетикӣ вобастагии калон дорад. Ҳеҷ як кишвари дунё бе рушди энергетика ва коммуникатсияи ҳозиразамон тараққӣ карда наметавонад (саҳ. 3-4). Аз ин лиҳоз, бунёди нерӯгоҳҳои барқи обиро калиди ҳалли мушкилоти иқтисодиву иҷтимоӣ ва афзоиши нерӯи содиротии кишвар шуморидан мумкин аст (саҳ. 4). Бинобар ин, таҳқиқи илмии масъалаи мазкур аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ барои рушди низоми ҳуқуқӣ ва иқтисодии кишвар нақши муҳим дошта метавонад; *чорум,* дар натиҷаи islоҳотҳои дар ҶТ роҳандозишуда бозори озоди молу маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ, аз ҷумла бозори хариду фурӯши нерӯи барқ тавсеа ёфта, нақши шартнома дар муомилоти гражданӣ ба таври назаррас баланд гаштааст. Вай дар аксар мавридҳо ягона санади танзимкунандаи муносибатҳои тарафайн дар муносибатҳои гражданӣ, бахусус муносибатҳои бахши таъмини нерӯи барқ мебошад. Бо вуҷуди тақвият ёфтани нақши шартномаи

таъмини барқ, як қатор масъалаҳои ба он марбут, аз ҷумла мафҳум, моҳияти ҳуқуқӣ, тарафҳо ва мазмуни он то кунун мавриди баҳсу мунозираи муҳаққиқон қарор доранд. Аз ин рӯ, зарурати анҷом додани тадқиқоти мукаммали илмӣ оид ба ин масъалаҳо ва асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии шартномаи мазкур аз аҳамияти назариявӣ ва амалӣ холӣ нест (саҳ. 5). Таҳлили амиқи илмии масъала метавонад мушкилоти мазкурро то андозае осон гардонад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол таҳқиқоти монографӣ дар ин самт анҷом дода нашудааст, ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқӣ - граждании соҳаи таъминкунӣ бо нерӯи барқ ҳанӯз коркард нашудаанд. Ҳарчанд баъзе таҳқиқотҳо дар шакли мақола, маърӯза ва дигар навъи пажӯҳиш рӯйи кор омада бошанд ҳам, аммо дар онҳо масъалаи танзими шартномавии таъмини барқ ба таври умумӣ баррасӣ шудаанд. Диссертатсияи мазкур ба бартараф намудани ин холигӣ дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон равона гардидааст. Аз ин рӯ, аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ таҳқиқоти диссертатсионии мазкур мубрам ба ҳисоб меравад.

**Натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи талабот ба диссертатсияҳо, ки ба бандҳои 10, 11, 12, 13, 14, 15, 16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» муайян карда шудаанд.** Диссертатсия кори анҷомёфтаи илмӣ-тахассусӣ буда, натиҷаи он барои рушди илми ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи энергетикӣ ва қонунгузории он мусоидат мекунад. Аз ҷумла ҷанбаҳои хоси проблемаҳои танзими ҳуқуқи граждании таъмини нерӯи барқ ва истифодаи оқилонаи он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муаллиф коркард шудааст. Инчунин ҷанбаҳои алоҳидаи мавзӯи диссертатсия барои рушди илмҳои соҳаҳои дигари ҳуқуқшиносӣ аҳамияти муҳим дорад.

Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуқтаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, инчунин таҳлилҳои танқидии ақидаҳои дар илм ҷойдошта, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуқтаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводҳои илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳанд, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст.

Диссертатсия ягонагии дохилӣ дорад. Сохтори диссертатсия тибқи мақсад ва вазифаҳои он, инчунин талаботи таҳқиқоти муттасил ва мантиқӣ интихоб карда шудааст. Дар рисола усулҳои умумиилмӣ ва махсус, аз ҷумла диалектикӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таҳлили низомнок, функсионалӣ, таҳлил ва синтез ва ғайра истифода шудаанд.

Ба ҳимоя нуктаҳои илмии зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти диссертатсияро ифода месозанд:

1. Муаллиф бо далелҳои илмӣ асоснок кардааст, ки энергия, аз ҷумла нерӯи барқ дар қатори неъматҳои моддӣ ҳамчун ашёи манқулаи беҷисм ба шумор рафта, хусусиятҳои хоси худро доро мебошад (муттасилӣ (ногусастани раванди истеҳсол, интиқол ва истифодаи энергия); энергияро бо назардошти хосиятҳои физикии он ғундоштан, андухтан, захира кардан, ба мисли дигар молҳо дар анборҳо ё зарфҳои махсус нигоҳ доштан ғайриимкон аст; азбаски энергия ҳамзамон бо интиқоли он истеъмол карда мешавад, онро наметавон баргардонд; нерӯи барқ ва гармиро танҳо тавассути шабакаи пайвасткунӣ интиқол додан мумкин аст; нерӯи барқ осон ва зуд ба масофаи дур бо шабакаҳои барқӣ интиқол дода мешавад ва ғ.

2. Муаллиф шартномаи таъмини барқро як намуди алоҳидаи шартномаи хариду фурӯш меҳисобад, ки дар қиёс бо дигар намудҳои шартномаи хариду фурӯш танзими хоси ҳуқуқиро тақозо менамояд. Аз ҷумла: таҳвили энергия ба истеъмолкунанда тавассути шабакаи пайвастшуда ба дастгоҳи барқии махсус сурат мегирад; ба зиммаи муштарӣ вазифаҳои иловагӣ баҳри таъмини риояи реҷаи истифодаи нерӯи барқ гузошта мешавад, аз ҷумла таъмини бехатарии истифодаи шабакаҳои дар ихтиёраш қарордошта, бекамукостии лавозимот ва таҷҳизоти дахлдори алоқаманд бо истифодаи чунин маҳсулоти махсус; ба ташкилоти таъминкунандаи энергия дар ҷодаи назорати ҳолати техникии дастгоҳи энергетикӣ, лавозимоту таҷҳизоти муштарӣ, ҳуқуқҳои иловагӣ дода мешавад; нерӯи барқро ба мисли чизҳои дигар дар анборҳо нигоҳ доштан, ба миқдори зиёд дар аккумуляторҳо ҷамъ намудан ғайриимкон аст; энергияро ба мисли дигар ашёҳо дида ва ламс карда намешавад.

3. Дар диссертатсия асоснок карда шудааст, ки муносибатҳои байни муштарӣ ва муштарии фаръӣ баҳсталаб аст, чунки муштарӣ намехоҳад ӯҳдадории иловагиро ҳангоми додани нерӯи барқ ба муштарии фаръӣ пайдо кунад. Дар робита ба ин, муаллиф дар қ. 3, м. 576 КГ ҶТ вогузор намудани ӯҳдадориҳои муштариро ба зиммаи муштарии фаръӣ зимни интиқоли нерӯи барқ зарур медонад.

4. Муаллиф ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунандаро субъекти асосии шартномаи таъмини барқ меҳисобад ва ворид намудани таърифи онро дар қонунгузории гражданӣ мувофиқи мақсад медонад.

5. Ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ дар муносибатҳои байни ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда ва муштарӣ хусусияти хоси худро дорад. Ҷавобгарии ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда барои вайрон намудани ӯҳдадорӣ тибқи шартномаи таъмини барқ ба таваккал асос

ёфта, бидуни гунох фаро мерасад. Зимнан муштарӣ танҳо дар сурати ҷой доштани гунох ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

6. Муаллиф дар баробари руёнидани ноустуворона ва товони зиёни воқеӣ дар шартномаи таъмини барқ рӯёнидани фоизҳоро барои истифодаи воситаҳои пулии ғайр пешниҳод намудааст. Мувофиқи муқаррароти қ. 1, м. 426 КГ ҶТ барои ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағи ғайр дар натиҷаи иҷро накардани уҳдадории пулӣ ё гузаронидани муҳлати пардохти он ё бидуни асос гирифтани он ё ба амонат гузоштан аз ҳисоби шахси дигар бояд ба андозаи ин маблағ фоиз пардохта шавад, ки андозаи он бо назардошти ставкаи миёнаи фоизи бонк, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар рӯзи иҷрои уҳдадории пулӣ ё қисми дахлдори ин уҳдадорӣ муайян кардааст, ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар ин заминаи ҳуқуқӣ муаллиф пешниҳод менамояд, ки рӯёнидани фоизҳо барои аз тарафи муштариён ғайриқонунӣ истифода бурдани воситаҳои пулии ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда ба муқаррароти умумии моддаи 426 КГ ҶТ асос ёбад.

7. Бо муқаррароти моддаи 186 КГ ҶТ аҳдҳои байни шахсони ҳуқуқӣ, байни шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандон ҳатман ба таври хаттӣ баста мешаванд. Азбаски яке аз тарафҳои шартномаи таъмини барқ ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда мебошад, пас қоидаҳои моддаи 186 КГ ҶТ нисбати онҳо низ татбиқ мешаванд. Аз ин лиҳоз муаллиф пешниҳод менамояд, ки дар қисми 2 КГ ҶТ шабеҳи шартномаҳои хариду фурӯши ашёҳои ғайриманқул, корхона, тухфа, иҷора, пудрат ва ғайра шакли хаттии оддии бастани шартномаи таъмини барқ муқаррар карда шавад.

8. Таҳлили мазмуни моддаҳои қисми дуюми КГ ҶТ, ки ба шартномаи таъмини барқ бахшида шудаанд, ба муаллиф имкон додааст, ки ба якчанд норасоиҳои дар ин моддаҳо ҷойдошта таваҷҷуҳ зоҳир намояд. Якум, дар моддаҳои 569, 571 КГ ҶТ ибораи «ташкилоти таъминкунандаи барқ», дар моддаҳои 570, 572, 574, 576, 578 ибораи «ташкилоти таъмини барқ» истифода шудаанд, дар ҳоле ки чӣ аз лиҳози мазмун ва чӣ аз лиҳози таҳририӣ истифодаи ибораи «ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда» дуруст мебошад. Бо назардошти ин гуфтаҳо, муаллиф дар моддаҳои зикршуда ба ҷои ибораҳои «ташкилоти таъминкунандаи барқ», «ташкилоти таъмини барқ» истифода гардидани ибораи «ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда» – ро ба мақсад мувофиқ медонад. Дуюм, номи шартнома «Таъмини барқ», ба мазмуну муҳтавои он созгор нест. Ба андешаи муаллиф дуруст мебуд, агар вай «Шартномаи таъминкунӣ бо нерӯи барқ» номгузорӣ мешуд.

Муаллиф бо мақсади мукаммал гардонидани қонунгузории граждани вобаста ба шартномаи таъмини барқ ворид намудани тағйиру иловаҳои зеринро мувофиқи мақсад медонад:

а) муаллиф пешниҳод менамояд, ки номи зербоби 5, боби 29 КГ ҶТ бо таҳрири русӣ «Таъмини нерӯ» ба «Таъмин бо нерӯи барқ» иваз карда шавад;

б) муаллиф пешниҳод менамояд, ки дар қисми 3, моддаи 142 КГ ҶТ баъди ибораҳои «аз ҷумла пул ва коғазҳои қиматнок» энергия (нерӯи барқ) ҳамчун ашёи манқула ва беҷисм илова карда шавад;

в) муаллиф ба моддаи 569 КГ ҶТ дохил намудани чунин таърифи шартномаи субабонентӣ (муштарии фаръӣ) – ро пешниҳод кардааст: «Шартномаи субабонентӣ (муштарии фаръӣ) чунин шартномае мебошад, ки тибқи он муштарӣ ӯҳдадор мешавад бо розигии ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда қисми нерӯи барқи дар асоси шартномаи таъмини барқ тавассути шабакаи пайвастшуда қабул намудаашро ба субабонент (муштарии фаръӣ) интиқол диҳад, субабонент бошад ӯҳдадор мешавад, ки арзиши нерӯи барқи аз ӯ қабулкардаро пардохт намуда, реҷаи тибқи шартномаи субабонентӣ (муштарии фаръӣ) муқарраршудаи истифодаи онро риоя намояд, бехатарии шабакаҳои энергетикӣ, бенуқсонӣ, бекамукостии дастгоҳу таҷҳизоти ба раванди истифодаи нерӯи барқ алоқамандро таъмин намояд»;

г) ба мақсади муайян намудани мафҳуми шартномаи таъмини барқ муаллиф чунин таҳрири қисми 1 моддаи 569 КГ ҶТ-ро пешниҳод намудааст: «Тибқи шартномаи таъмини барқ ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда ӯҳдадор мешавад фурӯши нерӯи барқ ба муштариро ба амал барорад, мустақиман ва мустақилона ё тавассути шахсони сеюм хизматрасониҳо ҷиҳати ба воситаи шабакаи пайвастшуда ба муштарӣ интиқол додани нерӯи барқ ва дигар намуди хизматрасониҳои ба раванди таъмини муштарӣ бо нерӯи барқ алоқамандро анҷом диҳад, муштарӣ бошад ӯҳдадор мешавад арзиши нерӯи қабулнамудаи барқ ва ҳақи хизматҳои ба манфиати он анҷомдодаро пардохт намояд, истифодаи бехатар, коршоямӣ ва бекамукостии шабакаҳои энергетикӣ, дастгоҳ ва таҷҳизоти дар ихтиёраш қарордоштаро таъмин намояд».

Нуктаҳои илмии диссертатсия ва натиҷаҳои илмӣ, ки дар охири бобҳо ва зербобҳо, инчунин хулосаи кор ифодаи худро ёфтаанд, аз саҳми шахсии муаллиф дарак медиҳанд. Ҳамзамон саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ карда мешавад.

Ҳамзамон тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мухтавои асосии диссертатсия дар 23 мақолаи илмӣ дарҷ шудаанд, ки аз ин шумора 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати илм ва таҳсилоти олии ФР ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тавсиядиҳанда ба чоп расидааст. Хулоса, натиҷа ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои нашргашта инъикос ёфтаанд. Оид ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия муаллиф дар чандин семинарҳо, конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бо маърӯзаҳо баромад намудааст. Аз ҷумла: дар конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии «Президенти ҶТ – ҳомии Конститутсия ва қонунҳо», бахшида ба ифтихори 20-солагии таъсиси ниҳоди президентӣ дар кишвар (ш. Душанбе, 25 ноябри соли 2010); конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Масоил ва дурнамои рушди кооператсияи матлуботӣ дар шароити ҷахонишавӣ», бахшида ба 90-солагии кооператсияи матлубот (ш. Душанбе, 23–24 май соли 2012); конференсияи дуюми байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Тамоюли рушди иқтисодиёт ва таҳсилоти олӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» (ш. Душанбе, 16–17 майи соли 2014); конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Нақши ҷавонон дар рушди илми ватанӣ» (ш. Душанбе, 22 майи соли 2015.); конференсияи байналмилалии илмии «Нақши олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсия ва технология», бахшида ба 25–солагии Истиқлолияти давлатии ҶТ (ш. Душанбе, 19–20 майи соли 2016); конференсияи дуюми байналмилалии илмӣ-амалии «Нақши олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсия ва технология» (ш. Душанбе, 11–12 майи соли 2017); конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии фосилавии «Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир: масоили мубрами рушди иқтисодиёти инноватсионӣ» (ш. Душанбе, 2–3 июни соли 2017); конференсияи илмию назариявии ҳайати илмию омӯзгорӣ бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018–2028» (ш. Душанбе, 18–23 июни соли 2018); конференсияи ҳафтуми байналмилалии илмӣ-амалии «Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир: масоили мубрами рушди иқтисодиёти инноватсионӣ» (ш. Душанбе, 21–22 июни соли 2019); конференсияи илмию назариявии ҳайати илмию омӯзгорӣ дар мавзӯи «Тоҷикистон дар манзари ҷаҳонишавӣ» (ш. Душанбе, 29–31 майи соли 2019); конференсияи якуми илмӣ-амалӣ доир ба мавзӯи «Ҳуқуқ ва иқтисод» (ш. Душанбе, 11 октябри соли 2019) ва ғайра. Ҳамзамон, муаллиф ҷиҳати такмили моддаҳои 140, 570 ва 579 КГ ҶТ ба Маркази миллии қонунгузории назди Президенти

ҶТ тавсияҳои мушаххасро дар шакли хаттӣ (мактуб аз 19 апрели соли 2017, № 120/16) ирсол намудааст.

Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба муаллифон ва манбаи иқтибоси мавод ишора менамояд. Асардуздӣ дар диссертатсия мушоҳида намешавад.

**Сатҳи асоснокӣ ва боэътимодии натиҷаҳои илмӣ (нуктаҳои илмӣ), хулосаҳои муаллиф.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешкаш шудаанд, заминаи кофӣ ва боэътимоди назариявӣ ва методологӣ доранд. Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсияро корҳои илмӣ-назариявии олимони ватаниву хориҷӣ оид ба ҷанбаҳои гуногуни танзими шартномавии таъмини барқ, пажӯҳишҳои соҳавӣ ва маводи назариявӣ-амалии мақомоти давлатӣ, ки ба масъалаи мазкур бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд.

Ҳамзамон аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки хулоса ва муқаррароти дар он инъикосшударо метавон дар тадқиқотҳои минбаъдаи масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ, бахусус танзими шартномавии таъмини барқ истифода намуд. Тавсия ва таклифҳои дар таҳқиқот пешниҳодшударо ба мақсади такмил додан ва мукаммал намудани қонунгузории ҶТ, ки муносибатҳои ҷамъиятии дар бахши бо нерӯи барқ таъминкунӣ ва истифодаи он ба вуҷуд меомадаро танзим мекунад, истифода намудан аст. Ҳангоми таҳияи рисолаи илмӣ таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ аз мадди назар дур намондаанд.

Зимни навиштани диссертатсия маводҳои илмии ба шартномаи таъмини барқ бахшидашудаи олимони русиягӣ М.М. Агарков, М.И. Брагинский, И.Л. Брауде, В.В. Витрянский, Ю.С. Гамбаров, О.А. Городов, И.В. Елисеев, О.С. Иоффе, П.В. Кашлаков, С.М. Корнеев, П.Г. Лахно, О.Н. Садиков, С.А. Свирков, Б.М. Сейнароев, Е.А. Суханов, А.М. Шафир ва дигарон истифода шудаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол таҳқиқоти диссертатсионии алоҳида дар ин самт анҷом дода нашуда бошад ҳам, аммо баъзе масъалаҳои ба бахши энергетикаи барқӣ ва истифодаи нерӯи барқ дахлдоштаро метавон дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони ватанӣ Ш.К. Бадалов, И.Ҳ. Бобоҷонзода, Р.Б. Бозоров, Ш.К. Ғаюров, Ш.М. Исмоилов, М.А. Маҳмудзода, У.А. Меликов, Ш.М. Менглиев, П. Мирзоев, Ҷ.С. Муртазозода, А. Пулатов, М.З. Раҳимзода, Д.Ш. Сангинов, Д.С. Сафаров, Б.С. Сирожев, Ф.С. Сулаймонов, Ш.Т. Тағойназаров, Б.В. Юнусов ва дигарон метавон дарёфт намуд. Диссертатсияи мазкур ба бартараф намудани ин холигӣ дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон равона гардидааст.

**Сатҳи навгонии натиҷаҳои илмӣ (нуктаҳои илмӣ), хулосаҳои муаллиф, ки дар диссртатсия баён гардиданд.** Диссертатсияи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба проблемаҳои танзими шартномавии таъмини барқ дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар диссертатсия тамоми паҳлуҳои танзими ҳуқуқи гражданнии таъминкуни бо нерӯи барқ ва истифодаи он таҳқиқ шудаанд. Чунончи, муаллиф маҷмӯи масъалаҳои зеринро баррасӣ кардааст, ки дар илми ҳуқуқшиносии муосир навгонӣ маҳсуб меёбанд:

– муайян ва таҳлил намудани мафҳум, аломатҳо ва хусусиятҳои хоси нерӯи барқ ҳамчун мол ва объекти ҳуқуқҳои гражданӣ;

– таҳлили манбаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар бахши таъминкунӣ бо нерӯи барқ;

– муайян намудани мафҳум ва моҳияти ҳуқуқии шартномаи таъмини барқ;

– муайян намудани доира ва вазъи ҳуқуқии тарафҳои шартномаи таъмини барқ;

– таҳлили мазмуни шартномаи таъмини барқ;

– муайян намудани хусусиятҳои ҷавобгарии граждании тарафҳои шартномаи таъмини барқ;

– таҳия ва манзур намудани тавсия, пешниҳод ва дархостҳо баҳри мукаммал намудани механизми ҳуқуқии танзими муносибатҳо дар бахши таъминкунӣ бо нерӯи барқ.

Нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия пешкаш шудаанд аз лиҳози илмӣ-методологӣ бо истифода аз ақидаҳои маъмули дар илм пазируфташуда, дар робита бо қонунгузорӣ ва таҷрибаи ҳуқуқӣ исбот карда шудаанд. Онҳо дар муқоиса бо нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳое, ки дар илм истифода мешаванд, навгонии илмӣ доранд.

**Эродҳо ба мазмун ва шакли диссертатсия**

Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ва ҳалталаб ҷой доранд, ки барои ҳалли онҳо фикри муаллиф талаб карда мешавад, аз ҷумла:

1. Аз таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф бармеояд, ки яке аз субъектҳои шартномаи таъмини барқ муштарӣ ва муштарии фаръӣ ба ҳисоб меравнд. Аммо муаллиф дар баъзе саҳифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ (масалан саҳ. 40) мизоҷ ва мизоҷи фаръӣ истифода намудааст ё ин ки дар дигар саҳифаҳо (масалан саҳ. 57, 59) муштарӣ ва муштарии фаръӣ истифода намудааст. Дар ҳолате, ки худи муаллиф пешниҳод дорад, ки дар КГ ҶТ истилоҳи “мизоҷ” ба “муштарӣ” иваз карда

шавад, муаллифро зарур буд, ки танҳо истилоҳи “муштарӣ”-ро истифода барад.

2. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф амалияи судиро оид ба мавзӯи илмӣ истифода намудааст (саҳ. 113-118, 123-124). Яке аз таҷрибаҳои судиро муаллиф вобаста ба вайрон кардани қоидаҳои истифодаи нерӯи барқ, ки кирдори ҷиноятӣ мебошанд (дар саҳ. 123-124), мавриди таҳлил ва истифода қарор додааст. Дар рафти таҳияи таҳқиқоти диссертатсионӣ истифодаи амалияи судӣ бо даъвои муштариён ва ҷавобгарии ташкилоти таъминкунандаи барқ аз мадди назари муаллиф дур мондааст. Аз ин лиҳоз муаллифро зарур буд, ки ба ҷойи истифодаи парвандаи ҷиноятӣ дар бораи вайрон кардани қоидаҳои истифодаи нерӯи барқ таҷрибаи судиро вобаста ба парвандаҳои гражданӣ бо даъвои муштариён ва ҷавобгарии ташкилоти таъминкунандаи барқ истифода намояд.

Ҳамзамон эродҳое, ки дар боло зикр шудаанд аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба паҳлуҳои илмии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

**Баҳои ягонагии дохилӣ ва аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли проблемаҳои мубрами дахлдор, вазифаҳои назариявӣ ё амалӣ.** Диссертатсия ягонагии дохилӣ дошта, усулҳое, ки дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ истифода шудаанд, ин сифати мусбии диссертатсияро таъмин намуда, минбаъд метавонанд дар таҳқиқоти илмии танзими шартномавии таъмини барқ истифода шаванд.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф аз ҷиҳати назариявӣ ба рушди муносибатҳои истифодаи таъмини нерӯи барқ ва истифодаи оқилонаи он мусоидат карда, сабаби такмили яке аз падидаҳои муҳимми илми ҳуқуқи гражданӣ ва энергетикӣ мегарданд. Хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои такмили қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ ва рушди соҳа заминаи хубе ба ҳисоб меравaнд. Ҳамзамон, онҳо метавонанд ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси фанни таълимии ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи энергетикӣ, ҳуқуқи иқтисодӣ, курсҳои махсуси ҳуқуқи шартномавӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои тахассуии хатм, магистрӣ, диссертатсияҳо метавонад ба таври васеъ мавриди корбаст қарор гирад.

**Тасдиқи нашри нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо, хулосаҳои диссертатсия.** Нуктаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи

олии аттестатсионии Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Русия, инчунин дар мақолаҳои илмӣ, ки рӯйхати онҳо дар диссертатсия ва автореферати диссертатсия дарҷ ёфтааст, интишор шудаанд. Онҳо дар шакли маърӯза дар конференсияҳои илмиву амалии гуногуни байналилалӣ ва ҷумҳуриявӣ пешкаш шудаанд. Нашрияҳое, ки дар онҳо натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ интишор шудаанд, дар диссертатсия, аз ҷумла дар хулосаи он, инчунин дар автореферати диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мувофиқати автореферати диссертатсия ба муҳтавои диссертатсия.** Автореферати диссертатсия ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла дар он мазмуни мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мувофиқати диссертатсия ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Таҳқиқоти диссертатсионии Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, мувофиқат дорад. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, натиҷаҳои он барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузорӣ аҳамият дорад. Диссертатсия ба ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мувофиқат дорад.

Диссертатсия ва тақризи муассисаи тақриздиҳанда (ташхисгар) дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Суратмаҷлиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ № 9 аз 4 майи соли 2020.

Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзоев П.И. имзо________.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзоев П.И. ва дотсенти кафедраи мазкур Каримов А.Қ. омода карда шуда, дар маҷлиси кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Суратмаҷлиси кафедра № 10 аз 29 майи соли 2020.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, Тел.: (+992 237) 224-17-86. E-mail: info@apa.tj, http// www.apa.tj

**Мудири кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии**
**Академияи идоракунии давлатии назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Мирзоев П.И.**

**«Имзои Мирзоев П.И.-ро тасдиқ мекунам»**
**Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва**
**корҳои махсуси Академияи идоракунии**
**давлатии назди Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Абдуалимзода И.И.**